# Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар **мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Муқоиса ва таҳқиқи калимасозӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад, зеро чунин навъи таҳқиқот имкон фароҳам меоварад, ки калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ рушд намояд. Калимасозӣ яке воситаи асосии ғанисозандаи захираи фонди луғавии забонҳои матраҳшаванда мебошад.

Диссертатсияе, ки аз ҷониби Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси асарҳои бадеӣ таҳқиқ гардидааст, барои боз ҳам хубтару амиқтар омӯхтани калимасозии забонҳои муқоисашаванда хело муҳим мебошад.

Маводи диссертатсияро асару таҳқиқотҳои илмии донишмандону забоншиносони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки бевосита ба илми забоншиносӣ марбутанд.

Чунон ки аз мутолиаи автореферат бармеояд, диссертатсия аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар муқаддимаи таҳқиқот сухан дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва

амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия меравад.

Боби якуми рисола **«Асосҳои назариявии масъалаи омӯзиши калима ва калимасозӣ»** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар боби мазкур муаллиф масъалаҳои назариявии калима, калимасозӣ, нақши калимасозӣ ва андешаҳои забоншиносон оид ба калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро дар асоси сарчашмаҳои илмӣ шарҳ медиҳад. Боиси хурсандӣ ҳам аст, ки муаллиф дар баъзе лаҳзаҳо фикру андешаҳои худро устувор монда, назари мушаххаси хешро роҷеъ калимасозӣ баён месозад.

Боби дуюми рисола **«Усулҳои калимасозии сарфӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, аз ду фасл ва ду зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар боби зерин усулҳои калимасозии сарфии (вандафзоӣ ва ихтисора) забонҳои тоҷикӣ ва англисиро баррасӣ намуда, роҳҳои калимасозии зикргардидаро шарҳ медиҳад.

Боби сеюми рисола **«Роҳҳои калимасозии наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ карда шуда, аз чор фасл иборат аст. Дар ин боб усулҳои калимасозии наҳвӣ (конверсия, субстантиватсия, вербализатсия ва калимаҳои мураккаб) дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври муқоиса баррасӣ карда мешаванд.

Дар хулоса муаллиф нукоти асосии таҳқиқотро дар асоси маводи мушаххаси амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, андешаҳои хешро бо хулосаву натиҷаҳои арзишманд ҷамъбаст намудааст.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуни рисоларо пурра инъикос менамояд ва мақолаҳои чоп намудаи муаллиф ҳам ба талабот ҷавобгӯ аст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар он камбудиву норасоиҳо ба чашм мерасанд:

1. Дар диссертатсия назари танқидии муаллиф кам ба чашм мерасад. Хуб мешуд, ки муаллиф дар баъзе мавридҳо роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ андешаҳои танқидии худро баён медошт.

2. Дар баъзе ҷойҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Аюдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)», дуруст ва пурра буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Туйғунов
Носир Ҳақбердиевич

Имзои Н.Ҳ. Туйғунов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДМИТ

Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14
Тел: (99237) 2310201
Тел: 935551304
www.tefeu.tj